ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ВБД. 338.26.01..00521(575.3)

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВОСИДИЁН ФАРҲОД САЪДУЛЛО

# НАҚШИ МУКАММАЛГАРДОНИИ НИЗОМИ БАНАҚШАГИРИИ СТРАТЕГӢ ДАР ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01- Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 - Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ))

**Душанбе – 2025**

Диссертатсия дар кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Солеҳзода Ашурбой Абдулвоҳид,** дотсенти кафедраи иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Кошонова Манзура Раҳматҷоновна** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Муминова Фарида Маҳмудовна** – номзади илмҳои иқтисодӣ, Мудири Шуъбаи моделсозӣ ва дурнамогирии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар:** **Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Ҳимояи диссертатсия санаи 3 июни соли 2025 соати 09:00 дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар суроғаи 734025, ш.Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии №8 баргузор мегардад. Рақами телефони котиби илмӣ: (+992) 902426655, почтаи электронӣ: shuro004@mail.ru.

Бо диссертатсия дар Китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва тавассути сомонаи www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» __________ соли 2025, тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шурои иссертатсионӣ**
**д.и.и., дотсент** **Гулов Ш.М.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Таъмини рушди дарозмуддати иқтисодӣ яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати макроиқтисодӣ барои кишварҳои ҷаҳон ба ҳисоб рафта, мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ шарти асосии таъмини чунин афзоиш аст.

Дар шароити зудтағйирёбандаи иқтисоди ҷаҳон таъмини рушди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар навбати аввал гузошта мешавад, ки ҳалли он ҷорӣ намудани механизмҳои нави ҳадафгузорӣ ва биниши стратегиро дар иқтисодиёт талаб мекунад. Рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ва таъмини босуботи он бевосита аз мавҷудияти низоми муосири банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ вобаста аст.

Истифодаи пурраи иқтидорҳои мавҷуда, дар айни замон яке аз роҳҳои таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Барои муайян намудани иқтидорҳои дохилӣ ва дарёфти усулҳои истифодаи самараноки он баҳри суръатбахшии рушди иқтисодии кишвар ва таъмини сатҳи зиндагии шоистаи аҳолӣ мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ хеле муҳим мебошад.

Дар шароити имрӯза нокифоя будани механизмҳои татбиқи амалии банақшагирии стратегӣ ва таҳияи дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба амалигардонии саривақтии ҳадафу афзалиятҳои стратегию барномавӣ ва дар маҷмӯъ ба рушди умумии иқтисодиёт таъсири манфӣ мерасонад.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқи раванди ташаккул ва мукамммалгардонии низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, муайян намудани нақши он дар таъмини устувории макроиқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум, инчунин, таҳияи тавсияҳо оид ба такмили он аҳмитяи илмӣ ва амалии таҳқиқотро ифода мекунанд.

Бо назардошти вазъи мураккаби иқтисоди ҷаҳон, хавфҳои ҷойдошта ва зарурияти ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва таҳкими нерӯи истеҳсолию содиротии мамлакат мавриди таҳқиқ қарор додани вазъи амалкунандаи низоми банақшагирии стратегӣ дар кишвар муҳим ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ заминаҳои назариявӣ, методӣ ва институтсионалии низоми банақшагирии стратегиро мавриди омӯзиш қарор дода, вобаста ба нақши ин низом дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ мавқеи худро дар адабиётҳои гуногун, бахусус нашрияҳои илмӣ баён намудаанд.

Нисбат ба муаммоҳои банақшагирии стратегӣ олимони зерин, ба монанди И.Х. Ансофф, М.Е. Портер, Д. Стейнер, П. Лоранж, Г. Минсцберг, Г. Хамель, А.А. Томпсон, Ф. Котлер, Ҷ.М. Хиггенс, М. Трейси, Ф. Вирсема, Ю. Шайли, Э. Касселс, Г.Я. Голдштейн, О.Г. Гранберг, С.А. Логвинов, С.Н.Медведева, Д.В. Николаев, Р.И. Акмаева, С.М. Заверский, И.Г.Кондратова, Е.В. Чмышенко, В.А.Андреев, Н.И. Хромов, В.А.Семидоцкий, В.Э. Гарьковенко, Е.Ю. Дролова, М.А. Зайцев, И.Николаев, А. Точилкина, В.Е. Рохчин, В.А. Гневко, В.И. Самаруха, Т.Г.Краснова, И.С. Тургенева, Г.Х. Батов, Л. Абалкин, И.Х. Виханский, О.Л.Гапоненко, А.П. Панкрухин, Д.С. Львов, А.Ҷ. Стрикленд, П. Савченко ва дигарон дар асарҳои худ нуктаҳои назариявӣ ва амалии худро баён намудаанд.

Баъзе ҷанбаҳои муҳими банақшагирии стратегӣ аз тарафи олимони ватанӣ Х.У. Умаров, Ш. Раҳимзода, Л.Ҳ. Саидмуродов, Ҳ.А.Одинаев, А.Х. Авезов М. Азимова, Д.А. Ходиев, Ф. Муминова, Р.К.Раҳимов, М.Т. Каримова, Д.Ҷ. Ҳукматов, Р.М. Мирбобоев, Х.Д.Батуров, А.А. Бойматов, Р. Species Бобоҷонов, М.Д. Тошматова, Ш.Ю. Акилҷонова, Ш.Б.Ҷонмамадов, Х.Х. Ҷураева, З.И. Асророва, У.С. Воҳидзода ва дигарон мавриди таҳқиқот қарор гирифтаанд.

Бояд қайд кард, ки дар баробари гузаронидани омӯзишу таҳқиқотҳои зиёд аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ вазъи ҷаҳони имрӯза водор месозад, ки он такмил дода шавад. Зеро дар асарҳои илмии олимони ватанӣ то ҳол масоили низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар маҷмӯъ зери таҳқиқоти ҳаматарафа ва амиқ қарор нагирифтаанд. Танҳо баъзе ҷанбаъҳои он дар сатҳи корхона, минтақа ва соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт таҳқиқ шудаанд.

Бо назардошти нақши калидии низоми банақшагирии стратегӣ дар таъмини устувории макроиқтисодӣ ва коҳиши таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ мавзӯи диссертатсия интихоб гардида, мақсад, вазифаҳо ва объекти таҳқиқот муайян карда шуд. Дар ин росто анҷом додани таҳқиқот ҳам аз лиҳози амалӣ ва назариявӣ дар самти низоми банақшагирии стратегӣ муҳим ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

**Алоқамандии мавзуъ ба барномаҳо (лоиҳаҳо) ё мавзуъҳои илмӣ.** Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо ҳадафу мақсадҳое, ки дар Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба парлумони кишвар, «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ва дигар ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ муайян шудаанд, робитаи бевосита дошта, роҳандозии натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда барои иҷрои саривақтӣ ва сифатноки онҳо мусоидат менамояд. Инчунин таҳқиқоти илмӣ мутобиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 иҷро карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** аз таҳқиқи ҷанбаҳои асосии назариявӣ ва методии низоми банақшагирии стратегӣ, баҳодиҳии низоми миллии амалкунанда ва нақши он дар таъмини рушди иҷтимоию иқтисодӣ, муайян намудани механизм ва модели миллӣ барои такмили минбаъдаи низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар кишвар иборат аст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба ҳадафи мазкур вазифаҳои зерин гузошта шуданд:

- таҳқиқи заминаҳои назариявию методӣ ва институтсионалии ташаккулёбӣ ва рушди низоми банақшагирии стратегӣ ва дар ин асос пешниҳоди муаллифии таърифи он;

- омӯзиши ҷанбаҳои назариявии низоми банақшагирии стратегӣ ва ҷудо намудани меъёрҳои самаранокии онро таъминкунанда;

- арзёбии нақши низоми миллии банақшагирии стратегӣ, баррасии марҳилаҳои ташаккулёбию хислати рушд ва таҳияи модели низоми банақшагирии стратегӣ барои Тоҷикистон аз нуқтаи назари системавӣ;

- таҳқиқи асосҳои методологии раванди мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи миллӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ;

- асоснок намудани нақши низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар дар пояи татбиқи ҳамоҳангсозии сиёсати макроиқтисодӣ ва пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ;

- таҳияи дурнамои нишондиҳандаҳои асосии рушди макроиқтисодии Тоҷикистон аз рӯи сенарияҳои воқеӣ, бухронӣ ва шиддатнок бо истифода аз усули моделсозӣ.

**Объекти таҳқиқоти дессертатсионӣ** низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

**Мавзӯи таҳқиқоти дессертатсионӣ -** ин маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ вобаста ба низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ мебошад.

**Фарзияи таҳқиқоти дессертатсионӣ** аз такмили низоми банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла, таҳия, татбиқ ва мониторинги ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ, танзим ва тақсимоти самараноки ҳаҷми захираҳои мавҷудаи дохилӣ, баланд бардоштани суръати рушди иқтисодиёт, кам намудани вобастагии иқтисодиёт аз омилҳои беруна ва дар маҷмӯъ ноил гардидан ба ҳадафи олӣ - баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум иборат мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти** мазкурро таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ дар самти низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Заминаҳои методии таҳқиқотро паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар» ва суханрониҳо ҳангоми сарфарҳояшон ба хориҷи кишвар ва минтақаҳои ҷумҳурӣ, қарорҳои Ҳукумати кишвар вобаста ба татбиқи ҳуҷҷатҳои стратегии қабулшуда, аз ҷумла стратегия ва барномаҳои сатҳи миллӣ, соҳавӣ ва маҳаллӣ, нишондиҳандаҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳқиқотҳои институтҳои байналмилалӣ, монографияҳо, махзанҳои интернетӣ ва сомонаҳои расмии вазорату идораҳо ва дигар сарчашмаҳо ташкил медиҳанд. Бо мақсади ҳалли вазифаҳои

гузошташуда ва таҳияи таклифҳои асоснок дар диссертатсия аз усулҳои индуксия ва дедуксия, таҳлилҳои синтезию оморӣ ва иқтисодӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Сарчашмаи маълумотии таҳқиқот.** Ба сифати манбаи иттилоотии таҳқиқот Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар», «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», стратегия ва барномаҳои соҳавии сатҳи миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, дар самти низоми банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, маълумотҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои таҳлилии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, асарҳои илмии олимони классики назарияи иқтисодӣ, иқтисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ, маводҳои дар маҷаллаҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр шуда, маълумотҳои сомонаҳои расмии мақомотҳои давлатӣ ва дар воситаҳои ахбори умум нашршуда истифода гардидаанд.

**Давра ва пойгоҳи таҳқиқот.** Кори илмӣ – таҳқиқотӣ дар кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст. Давраи иҷрои кори диссертатсионӣ солҳои 2018-2024-ро дар бар мегирад.

**Навгонии илмии таҳқиқоти** диссертатсионӣ ба таҳлили асосҳои назариявӣ, методӣ ва институтсионалии низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ равона гардидааст. Аҳамияти низоми банақшагирии стратегии кишвар дар самти татбиқи ҳамоҳангсозии сиёсати макроиқтисодӣ ва коҳиш додани таъсири омилҳои берунӣ ба иқтисоди миллӣ арзёбӣ гардида, ҷанбаҳои такмили низоми банақшагирии стратегӣ, инчунин таҳияи таклифот барои

такмили низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодиро дар бар мегирад.

Дар диссертатсия натиҷаҳои зерини назариявӣ, методӣ ва амалӣ ба даст оварда шуданд, ки навгонии илмиро муайян мекунанд:

- ҷанбаҳои назариявии ташаккулёбӣ ва рушди низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ аниқ ва гурӯҳбандӣ карда шуда, тавсифи муаллифии он пешниҳод гардидааст, ки дар он низоми банақшагирии стратегӣ ҳамчун раванди таҳлили маҷмӯии аз ҷиҳати илмӣ асонокшудаи ҳадафу афзалиятҳои дарозмуҳлат ва роҳҳои ноилшавӣ ба онҳо тавсиф дода шудааст, ки захираву имкониятҳои мавҷуда ва хавфҳои эҳтимолиро барои таъмини рушди устувори мамлакат, минтақа, соҳа ва корхона ба инобат мегирад;

- дар заминаи омӯзиши ҷанбаъҳои назариявии низоми банақшагирии стратегӣ муайян карда шуд, ки самаранокии он бояд ба принсипҳои мутобиқшавӣ, устувории дарозмуддат, ҳадафмандӣ ва рақобатпазирӣ асос ёфта, барои қабули қарорҳои устувор ва таъмини устувории макроиқтисодӣ дар шароити тағйироти доимӣ мусоидат намояд;

- асосҳои методологии раванди мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи миллӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ таҳқиқ гардидаст, ки дар он нақши давлат ҳамчун ҳамоҳангсоз байни иштирокчиёни ин раванд муҳим ифода гардидааст;

- арзёбии низоми миллии банақшагирии стратегӣ дар пояи марҳилаҳои ташаккулёбӣ, хислати рушди низом, дарккунии иштирокчиёни раванди банақшагирии стратегӣ ва ҳолати кунунии он тавсиф дода шуда, модели низоми банақшагирии стратегии рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ барои Тоҷикистон аз нуқтаи назари системавӣ ва маҷмӯӣ таҳия карда шудааст;

- нақши низоми банақшагирии стратегии рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар самти татбиқи ҳамоҳангсозии сиёсати макроиқтисодӣ ва пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, арзёбӣ ва асоснок карда шуда, барқарорсозии вазъи иқтисодӣ баъди соҳибистиқлолӣ, дастовардҳои иқтисодӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегӣ таҳлил карда шудаанд;

- дар асоси истифода аз усули моделсозӣ дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Тоҷикистон аз рӯи сенарияи воқеӣ, бухронӣ ва шиддатнок таҳия карда шуда, омилҳои ба рушди иқтисодию иҷтимоӣ таъсиррасонанда гурӯҳбандӣ ва тавсиф гардиданд ва зарурияти такмили низоми мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар сатҳи миллӣ асоснок карда шуд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- таърифи муаллифии банақшагирии стратегӣ дар асоси таҳқиқи заминаҳои назариявию методӣ ва институтсионалии он;

- принсипҳои самаранокии низоми банақшагирии стратегиро таъминкунанда, ки барои қабули қарорҳои идоракунӣ мусоидат менамоянд;

- асосҳои методологии раванди мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи миллӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ;

- марҳилаҳои ташаккулёбӣ, хислати рушди низом, дарккунии иштирокчиёни раванди банақшагирии стратегӣ ва ҳолати кунунии он, ки таҳияи модели низоми банақшагирии стратегӣ барои Тоҷикистонро аз нуқтаи назари системавӣ ва маҷмӯӣ асоснок менамоянд;

- нақши низоми миллии банақшагирии стратегӣ дар ҳамоҳангсозии амалишавии сиёсати макроиқтисодӣ ва коҳиш додани таъсири манфии хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ;

- дурнамои нишондиҳандаҳои асосии рушди макроиқтисодии Тоҷикистон аз рӯи сенарияҳои воқеӣ, бухронӣ ва шиддатнок, инчунин

гурӯҳбандии омилҳои ба рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар таъсиррасон.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки асосҳои назариявӣ, методологӣ ва институтсионалии низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар шароити муосири иқтисодӣ аз нигоҳи нав, яъне рушди низоми банақшагирии стратегӣ арзёбӣ ва пешниҳод шудааст.

Аҳамияти амалии диссертатсия дар он аст, ки хулосаву пешниҳодҳои дар раванди таҳқиқот бадастомадаро мақомоти дахлдори давлатӣ дар самти такмил додани механизми амалигардонии пурраи низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, муосиргардонии самтҳои стратегии рушди соҳа ва таҳияи стратегияи нави рушди иҷтимоию иқтисодӣ истифода бурда метавонанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Муаллиф мавзӯи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои онро вобаста ба нақшаи мантиқии диссертатсия муайян карда, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ва назарияҳои муаллиф вобаста ба мубримияти мавзӯи илмӣ, дақиқияти маълумотҳо, коркарди омории натиҷаи таҳқиқот, миқдори кофии маводҳои таҳлиливу таҳқиқотӣ ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи таҳқиқот барои роҳандозии натиҷаҳои илмӣ дар амалия дар заминаи таҳлили назариявию таҷрибавӣ муайян гардида, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро исбот мекунад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 - Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01- Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) мувофиқат мекунад: банди 1.1. «Иқтисоди сиёсӣ: қонуниятҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёти ҷаҳон ва

таъсири он ба фаъолияти низомҳои иқтисодии миллӣ – давлатӣ; ҳамбастагии равандҳои иқтисодию сиёсӣ дар сатҳи миллию давлатӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ ва оқибатҳои он; ташаккули сиёсати иқтисодии (стратегия) давлат; банди 1.3. Назарияи макроиқтисод»: назарияи рушди иқтисодӣ; назарияи давраҳои иқтисодӣ ва буҳронҳо; назарияи мувозинати макроиқтисодӣ; назарияи идоракунии низомҳои иқтисодӣ. Ҷанбаҳои иқтисодии пешрафти илмию техникӣ ва таъсири он ба нишондиҳандаҳои равандҳои макроиқтисодӣ, сиёсати макроиқтисодӣ: самтҳои асосӣ ва вижагиҳои рафтори он; банди 1.4. Назарияи иқтисодии ниҳодӣ ва таҳаввулотӣ: назарияи таҳаввулотии пешравии иқтисодӣ; назарияи иқтисодиёти гузариш ва шаклдигаркунии низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ; интихобҳои иҷтимоию иқтисодӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Муаллиф дар ҳамаи давраҳои иҷроиши кори илмӣ, таҳияи мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо иштироки бевосита дошта, онҳоро шахсан ба анҷом расонидааст. Дар раванди таҳқиқот муаллиф асосҳои назариявии низоми банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодиро омӯхта, роҳҳои такмил додани низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодиро дар шароити мусоири иқтисодиёт пешниҳод намуда, усулҳои самараноки танзими давлатии низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодиро баррасӣ намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмии муаллиф пешниҳод гардидааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии илмию методӣ ва тавсияҳои амалӣ дар фаъолияти мақомоти гуногуни давлатӣ ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавӣ истифода мегарданд.

Хулоса ва пешниҳодоти муаллифи диссертатсия дар раванди таълими мутахассисон, докторантон, аспирантон ва донишҷуёни

Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи барнома ва дастурҳои таълимӣ аз рӯи фанҳои соҳавии иқтисодӣ метавонанд истифода шаванд.

Муқаррароти асосии илмӣ ва тавсияҳои амалии диссертатсия дар конфронсҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Оид ба мавзӯи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 11 мақола, аз ҷумла, 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми кори диссертатсионӣ.** Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб ва хулосаву пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки 218 номгӯйро дар бар мегирад, иборат мебошад. Диссертатсия дар 196 саҳифаи матни компютерӣ баён гашта, 25 ҷадвал, 6 диаграмма ва 20 расмро дар бар мегирад.

## ҚИСМАТИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддима моҳият ва муҳиммияти таҳияи мавзӯъ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзӯи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгонии илмӣ, аҳамияти амалӣ ва тасдиқи натиҷаҳои кор оварда шудааст.

**Дар боби якуми диссертатсия – «Заминаҳои назариявӣ ва илмию методии низоми банақшагирии стратегӣ»** асосҳои назариявию илмии низоми банақшагирии стратегӣ, усулҳо ва принсипҳои банақшагирии стратегӣ ва арзёбии таҷрибаи байналмилалӣ дар ин самт мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор дода шуданд.

Дар заминаи мутолиаи адабиёти илмии интишорнамудаи олимони иқтисоддони ватанӣ ва хориҷӣ, дар кори илмӣ ҷанбаҳои муҳимми назариявӣ, методологӣ ва илмию методии низоми банақшагирии стратегӣ асоснок шудааст. Вобаста ба ин, мафҳум, моҳият ва мазмуни вожаҳои поягӣ, ба монанди банақшагирии стратегӣ шарҳу тавзеҳ дода шудаанд.

Таҳқиқоти дар кори диссертатсионӣ гузаронидашуда нишон дод, ки мафҳумҳое солҳои 1990-ум аз ҷониби олимони иқтисоддон пешниҳодгардида бо назардошти пешрафту тағйироти бахши молиявию бонкӣ аз истифода дур монданд ва зарурияти муосиргардонии заминаи назариявии ин самт пеш омадааст. Омӯзишу таҳқиқоти назарияҳои гуногуни муаллифон доир ба низоми банақшагирии стратегӣ муайян намуд, ки ақидаи олимон гуногунанд.

Таҳлили дар диссертатсия гузаронидашуда нишон дод, ки банақшагирии стратегӣ дар сатҳҳои мухталиф, аз ҷумла дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ дар умум, минтақаҳои алоҳида, соҳаҳои алоҳида ва корхонаву ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият амалӣ карда мешавад.

Вобаста ба ин дар диссертатсия фикру ақидаҳои олимон ба 3 гурӯҳ, аз ҷумла банақшагирии стратегӣ дар иқтисодиёти миллӣ, банақшагирии стратегӣ дар корхонаҳо ва банақшагирии стратегӣ дар сатҳи минтақавӣ ҷудо карда шудааст (ҷадвали 1).

Дар заминаи омӯзиши ақидаи олимон дар самти банақшагирии стратегии иқтисодиёт мавқеи муаллиф дар он ифода меёбад, ки банақшагирии стратегӣ ҳамчун унсури муҳим барои таъмини устувори дарозмуддати макроиқтисодӣ ва ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда баромад мекунад. Раванди мазкур асосан бо таҳлили вазъи воқеии иқтисодиёт, дурнамосозии равандҳои минбаъда ва таҳияи

стратегияи баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар анҷом дода мешавад.

Дар диссертатсия мафҳуми банақшагирии стратегии иқтисодиёт ҳамчун раванди мақсадноки сиёсати дарозмуҳлати давлат арзёбӣ шуда, барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва институтсионалии кишвар равона гардидааст.

Дар диссертатсия хулоса карда шуд, ки банақшагирии стратегӣ дар сатҳи корхонаҳо ин муайян кардани мақсадҳои дарозмуҳлати корхона ва таҳияи нақшаҳо барои ноилгардии мақсадҳо бо назардошти муҳити дохилӣ ва берунӣ барои таъмини рушд ва рақобатпазирӣ мебошад.

**Ҷадвали 1. – Ақидаи олимон оид ба мафҳуми Банақшагирии стратегӣ**

| Банақшагирии стратегӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **Самтҳо** | | | | | |
| **Иқтисоди миллӣ** | | **Минтақаҳо** | | **Корхонаҳо** | |
| **Муаллиф (он)** | Мафҳум | **Муаллиф** | Мафҳум | **Муаллиф** | Мафҳум |
| М.Е.Портер | «Банақшақшагирии стратегӣ - амал барои рушд ва рақобатпазирии кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ тавассути дастгирии равишҳои маҷмуӣ, рушди кластерҳо, фароҳам овардани шароити мусиод барои соҳибкорӣ ва нақши давлат дар ин ҷараён мебошад.» | Х.Д. Батуров, М.Д. Тошматова | «Ташаккул ва роҳандозии банақшагирии стратегиро ҳамчун омили дигаргунсозии низоми иҷтимоию иқтисодӣ баҳо дода, қайд менамоянд, ки объекти банақшагирии стратегии минтақавӣ бояд рушди устувори иҷтимоию иқтисодии низоми минтақавӣ бо назардошти иқтидор ва муҳити институтсионалии он бошад.» | И. Ансофф | «Банақшагирии стратегӣ маҷмӯи қоидаҳо барои қабули қарорҳо мебошад, ки ташкилот онҳоро дар фаъолияти худ роҳнамоӣ мекунад.» |
| Ю. Шайли | «Банақшагирии стратегӣ - маҷмӯи чораҳо оид ба ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот, гузаронидани таҳлил, таҳияи стратегия ва нақшаи ноилгардӣ ба ҳадафу афзалиятҳо мебошад.» | И. Николаев, А.Точилкина | «Банақшагирии стратегӣ - симои амалҳои ташкилӣ ва равишҳои идоракунӣ мебошад, ки барои ноил шудан ба вазифаҳо ва ҳадафҳои кишвар истифода мешаванд.» | Ҷ. М.Хиггенс | «Банақшагирии стратегӣ ин раванди муайян намудани ҳадафҳо ва афзалиятҳо тавассути омӯзиши муҳити дохила ва беруна мебошад.» |
| С.А.Логвинов | «Банақшагирии стратегӣ-ҳамчун фаъолияти амалии инсон дар самти таҳияи дурнамо, нақшаҳо ва барномаҳое, мебошад, ки дар доираи иқтидору имкониятҳо амалӣ карда мешавад.» | В.Е. Рохчин, В.А. Гневко | «Дар асоси моҳият ва принсипҳои асосии ташаккули стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа метавон гуфт, ки муайян намудани ҳадафҳои стратегӣ ва механизмҳои ноил шудан ба онҳо амалӣ намудани корҳои махсуси дорои хусусияти пешгӯию таҳлилиро тақозо менамояд.» | М. Трейси, Ф. Вирсема | «Банақшагирии стратегӣ ин амалест, ки роҳандозии дуруст ва тадриҷии он барои нигоҳдории мавқеи пешсафии корхона дар бозор мусоидат менамояд.» |
| С.Н. Медведева | «Банақшагирии стратегӣ - фаъолияте, ки дар асоси дурнамосозии тағйироти эҳтимолии муҳити беруна ва имкониятҳои мавҷуда тавассути ҳамоҳангсозӣ ва тақсимоти захираҳо барои ноил шудан ба мақсаду вазифаҳои гузошташуда нигаронида шудааст.» | Ш.Ю. Акилджонова | «Банақшагирии стратегии минтақавиро ҳамчун падида нав дар шароити таҳаввулоти зудтағйирёбанда барои муайянкунии хавфҳои эҳтимолӣ ва истифодаи имкониятҳо меҳисобад.» | С. М. Заверский | «Банақшагирии стратегиро барои ҳалли доираи васеи масъалаҳои идоракунӣ аз рушди ширкатҳои алоҳида (дар сатҳи микро) то рушди кулли иқтисодиёт (сатҳи макро) истифода бурдан мумкин аст.» |
| В.Л. Тамбовсев | «Банақшагирии стратегӣ ин раванди таҳияи самтҳои рушди давлат бо назардошти омилҳои беруна ва | А.Л.Гапоненко | «Банақшагирии стратегӣ маҷмӯи қоидаҳо барои қабули қарорҳо мебошад, ки дар фаъолият бояд | И.Г. Кондратова | «Банақшагирӣ ҳамчун омили асосии фаъолияти корхонаҳо барои қабули қарорҳо, бахусус |

Идома

Идома

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | имкониятҳои дохилӣ мебошад.» | | роҳандозӣ карда шавад.» | | муайянкунии мақсад ва вазифаҳо, баррасии вариантҳои гуногун ва қабули яке аз вариантҳои оптималӣ мебошад.» |
| Д. Р. Абдрахманова | «Банақшагирии стратегӣ ин равона кардани саъю кӯшиши иштирокчиёни асосии иқтисодиёт барои ноил шудан ба мақсадҳои дарозмуддати рушди иҷтимоию иқтисодӣ мебошад.» | И.С. Тургенева | «Банақшагирии стратегӣ – қабули қарорҳои дарозмуҳлат вобаста ба дурнамои стратегӣ, азнавтақсимкунии захираҳо ва мутобиқсозии низом ба муҳити беруна ва дохилӣ мебошад.» | Г. Я.Голдштейн | «Фаъолияте, ки дар асоси дурнамосозии тағйироти эҳтимолии муҳити беруна ва имкониятҳои мавҷуда тавассути ҳамоҳангсозӣ ва тақсимоти захираҳо барои ноил шудан ба мақсаду вазифаҳои гузошташуда нигаронида шудааст.» |
| В.И.Самаруха, Т.Г.Краснова | «Банақшагирии стратегӣ-фаъолияте, ки барои муайян кардани мақсадҳои дарозмуҳлати низоми иҷтимоию иқтисодӣ равона гардидааст.» | Ш.Б. Джонмамадов, Х.Х. Джураева | «Банақшагирии соҳаҳои муайяни иқтисодиёти минтақа муҳим ба ҳисоб рафта, барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда зарур мебошад.» | Э. Касселс | «Стратегия пеш аз ҳама модели рафторест, ки ташкилот барои ноил шудан ба мақсадҳои дарозмуддати худ аз он пайравӣ мекунад.» |
| Р.И.Акмаева | «Банақшагрии стратегӣ-фаъолияти илмӣ-амалӣ мебошад, ки аз таҳияи қарорҳои стратегӣ дар шакли пешгӯиҳо, лоиҳаҳои барномаҳо ва нақшаҳо иборат аст.» | Г.Х. Батов | «Банақшагирии стратегӣ-маҷмӯи амалҳо мебошад, ки аз ҷониби субъект барои ноил гардидан ба мақсадҳои муайян роҳандозӣ карда мешавад.» | Е.В.Чмышенко | «Банақшагирии стратегӣ-ҳамчун вазифаи муҳими идоракунии корхона ба рақобатпазирии маҳсулоти корхона таъсири бевосита мерасонад ва имкон медиҳад, ки ба муҳити мунтазам тағйирёбандаи бозор мутобиқ шавад.» |
| Ш. Рахимзода, Л.Саидмуродзода, Ф.Муминова | «Банақшагирии стратегӣ чун қоида хусусияти думарҳилавӣ дошта, дурнамои умумии дарозмуҳлатро бо дурнамои муфассалтари миёнамуҳлат муттаҳид мекунад.» | А.А. Бойматов | «Нақшакашии стратегӣ дар назарияи иқтисодиѐти минтақавӣ унсури марказии низоми идоракунии стратегии давлатро ташкил медиҳад.» | Н.И.Хромов | «Банақшагирии стратегӣ-ин чараёни омӯзиши вазъи ҳозира ва ояндаи корхона, муайян кардани ҳадафҳо ва таҳияи стратегия барои расидан ба онҳо, инчунин баҳодиҳии натиҷаҳои бадастомада мебошад.» |
| З.И. Асророва | «Банақшагирии стратегӣ ин фаъолият оид ба муайян кардани ҳадафҳои стратегии субъектҳои хоҷагидор мутобиқи иқтидор ва имкониятҳо барои ояндаи дарозмуҳлат мебошад. | А.Х.Авезов, М.Азимова | «Банақшагирии стратегӣ-ҳалли масъалаҳои стратегӣ ва ниҳоят муҳим барои рушди устувори иқтисодии минтақа ба ҳисоб меравад.» | Д.Ҷ.Ҳукматов | «Банақшагирӣ – барои муқаррар кардани ҳадаф, дарёфт кардани роҳҳои беҳтарини ноилгардӣ ба он ва интихоби роҳҳои муносиби иҷрои он дар корхона нигаронида шудааст.» |

Таҳияи муаллиф

Дар асоси таҳқиқоти ақидаҳои олимон дар самти банақшагирии стратегии корхонаҳо муаллиф қайд мекунад, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ корхонаҳо бояд нақшаҳои асоснок дошта бошанд.

Таҳлилҳо нишон дод, ки банақшагирии стратегии минтақавӣ барои таъмини рушди мутавозинии минтақаҳо ва дар маҷмуъ таъмини вазъи макроиқтисодии кишвар нақши калидӣ дорад. Бо назардошти баррасии таҳқиқоти олимон дар ин раванд хулоса карда шуд, ки барои таъмини иҷрои сифатнокии ҳадафҳои гузошташуда ба инобат гирифтани вазъи иҷтимоӣ ва имкониятҳои маҳал зарур арзёбӣ мегардад.

Дар ин росто мафҳуми банақшагирии стратегии минтақавӣ дар диссертатсия чунин таъриф дода шудааст: «Банақшагирии стратегии минтақавӣ ин дар асоси омӯзиши хусусиятҳои хоси минтақа ва истифодаи самараноки иқтидорҳо ва имкониятҳои он таҳия намудани нақшаҳо ҷиҳати рушди минбаъдаи минтақаҳо бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои зиндагии шоистаи аҳолии минтақа мебошад».

Муаллиф дар натиҷаи омӯзиши назарияҳои гуногуни олимони классик ва муосир дар таҳқиқот мафҳуми «Низоми банақшагирии стратегиро»-ро бо шарҳи шахсии муаллифӣ такомул додааст, ки чунин ифода меёбад: «Низоми банақашагирии стратегӣ - раванди таҳлили маҷмӯии аз ҷиҳати илмӣ асоноккушудаи ҳадафу афзалиятҳои дарозмуҳлат ва роҳҳои ноилшавӣ ба онҳо мебошад, ки захираву имкониятҳои мавҷуда ва хавфҳои эҳтимолиро барои таъмини рушди устувори давлат, минтақа, соҳа ва корхона ба инобат мегирад.

Аниқ карда шудааст, ки ҳамгироии амудии муайяншуда ва дараҷабандии сатҳи банақшагирии стратегӣ истифодаи воситаҳо ва равишу усулҳои мувофиқро барои татбиқи стратегияҳо, барномаҳо, нақшаи чорабиниҳо тақозо мекунад. Шаклҳои умумии онҳо дар ҷадвали 2 оварда шудаанд.

### Ҷадвали 2. - Усулҳо ва равишҳои банақшагирии стратегӣ

| Усулҳо | Ҷузиёти усул | Мундариҷа ва ҳадафи усул |
|---|---|---|
| Усули ташкилию маъмурӣ | Барнома | Ташаккули системаи фаъолият ва амалҳои мушаххас барои ноил шудан ба ҳадафҳо |
| | Ҳамоҳангсозӣ | Умумӣ, мувофиқат, тартиб додани қарорҳо ва амалҳо |
| | Буҷетсозӣ | Фаъолият оид ба ташаккул ва тақсими захираҳои давлатӣ мувофиқи манфиатҳои ҷомеа, тиҷорат ва ҳукумат |
| | Аудит | Пешгирӣ кардани тағйироти ғайринақшавӣ ва нигоҳ доштани самаранокии иҷро |
| | Назорат | Назорати иҷрои таҳлил, банақшагирӣ ва пешгӯӣ; амалӣ гардондани тадбирҳои стратегӣ |
| | Мониторинг | Пайгирии иҷроиш |
| | Аниматсия | Ҷалб намудани тарафҳои иловагии манфиатдор, васеъ намудани доираи мутахассисон |
| Усули пешгӯӣ ва дурнамоӣ | Форсайт (танкиди коршиносон) | Ташаккули дурнамои оянда (пешгӯӣ, дурнамо, дурандешӣ), банақшагирӣ (таҳлили стратегӣ, афзалиятҳо), шабакаҳо (арзёбии коршиносон, алоқа, иртибот, табодули таҷриба, салоҳиятҳо) |
| | Моделсозии иқтисодӣ ва математикӣ | Ба расмият даровардани амалҳо ва падидаҳо, муайян кардани намунаҳо, тамоюлҳо рӯи мавзӯи тадқиқот дар асоси истифодаи математикии амалии олатҳои математикӣ.<br>Ба инҳо дохил мешаванд: усулҳои иқтисодию оморӣ, бисёрфакторӣ, моделсозӣ, усулҳои барномасозии динамикӣ, назарияи эҳтимолият, моделсозии имитатсионӣ, моделсозии равонӣ, моделсозии сенариявӣ ва ғайра. |
| | Усулҳои коршиносон | Барасмиятдарии равандҳо ва падидаҳо, муайян кардани намунаҳо, тамоюлҳои мавзӯи тадқиқот дар асоси истифодаи дониш, доварӣ, таҷриба, моделҳои равонии коршиносон, гурӯҳҳои фокусӣ ва таҳқиқоти сайёр. |
| | Усулҳои сотсиологӣ | Ташаккули махзани донишҳои ҷамъиятӣ. Ба инҳо гузаронидани мушоҳидаҳо ва пурсишномаҳои иҷтимоӣ дохил мешаванд. |
| | Комплексӣ | Пешгӯии стратегӣ ва усули бисёрмоделӣ |
| Усули таҳлили стратегӣ | Усулҳои ҳисобкунӣ ва таҳлилӣ | Усулҳои муқоисавӣ, мутавозунӣ, барномавӣ, сохторӣ ва захиравӣ рабт доранд. |
| | Таҳлили SNW | Таҳлили ҷиҳатҳои қавӣ, заиф ва бетарафӣ |
| | Таҳлили SWOT | Таҳлили ҷиҳатҳои қавӣ, заиф, имкониятҳо ва таҳдидҳо |
| | Таҳлили PECT | Таҳлили муҳити беруна дар доираи ҷанбаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ |
| | Ҳадафҳои SMART | Муайян ва мушаххас кардани талабот ба ҳадафҳои инфиродӣ: мушаххасият, андозагирӣ, мувофиқат, дастрасӣ ва итминони вақт |
| | Таҳлили GAP | Таҳлили иттилоот ва муайян кардани ихтилофи байни чизҳои дилхоҳ ва воқеӣ |
| | Мутобиқати захираҳо ва имкониятҳо; вазн ва қувват | Таҳлили аҳамияти қобилиятҳо ва захираҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳо; ҷиҳатҳои қавӣ ва заифии асосӣ аз сабаби мавҷудияти натиҷаҳои гуногуни муносибати байни қобилият ва захираҳо |

Таҳияи муаллиф

Тадқиқоти диссертатсионӣ нишон дод, ки ҳар як усул дар навбати худ равишҳо ва меъёрҳои муайян доранд, ки маҳз дар доираи онҳо таҳлили маҷмӯӣ гузаронида мешавад. Дар натиҷа муаллиф хулоса намудааст, ки бисёре аз усулҳо ва равишҳои пешниҳодшудаи банақшагирии стратегӣ ба технологияҳои таҳлил, банақшагирӣ ва пешгӯии микро-макроиқтисодӣ асос ёфтаанд. Дар амалияи Тоҷикистон дар самти банақшагирии стратегӣ қисми зиёди усулҳои мазкур истифода мегарданд.

Ҳамин тариқ, дар диссертатсия муаллиф муайян кардани самтҳо ва ҳадафҳои стратегии давлатро яке аз марҳилаҳои муҳими банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ҳисобидааст. Ҳар як самти афзалиятнок бояд аз вазифаҳои стратегӣ иборат буда, нишон дода шавад, ки давлат дар ин раванд ба кадом мақсадҳо ноил шудан мехоҳад. Таҳияи ҳадафҳои мушаххаси стратегии ҳар як самт фаъолияти минбаъдаи банақшагирӣ, яъне таҳияи нақшаи стратегии рушдро муайян мекунад.

Таҳлили дар доираи диссертатсия гузаронидашуда нишон дод, ки сохтори махсуси методологии банақшагирии стратегӣ дар сатҳи миллӣ вуҷуд надорад. Аммо, қоидаҳо, меъёрҳо ва усулҳое, ки барои таҳия ва татбиқи банақшагирии стратегии давлатӣ заруранд, муқаррар шудаанд. Меъёрҳои мавҷудбуда самти ҳаракатро муайян мекунанд, ки бо ин роҳ пайдарпаии раванд ва мақсаднокии ҳадафҳои стратегӣ таъмин мегарданд.

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки ҳангоми таҳияи стратегия бояд роҳҳои гуногуни ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ, тибқи сенарияҳои эҳтимолӣ интихоб, баррасӣ ва татбиқ карда шаванд. Сенарияҳои татбиқи ҳадафҳо бояд дар вазъияти гуногун, бахусус дар вазъияти буҳронӣ, тағйирёбанда ва таъсири омилҳои мухталиф асоснок карад шаванд.

Дар диссертатсия муайян карда шудааст, ки вазъи низоми банақшагирии стратегиро дар асоси модели алоҳида бо риояи принсипҳои системавӣ ва комплексӣ таҳлил кардан мумкин аст (Расми 1.)




**Расми 1. -** Модели таҳияи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ (Сарчашма: таҳияи муаллиф)

Дар натиҷаи таҳлили усулҳои назариявии муаллифони гуногун дар диссертатсия муайян карда шуд, ки стратегия ҳамчун як раванди муттаҳидшуда ва мутобиқшаванда, ки ба ҳадафҳои дарозмуддати ташкилот нигаронида шудааст, баррасӣ мешавад. Ҷузъҳои калидии ин раванд таҳлили SWOT, таҳлили PEST, матритсаи Ансофф ва модели панҷ қувваи Майкл Портерро дар бар мегиранд, ки дар шароити зудтағйирёбанда ва рақобатнок барои мутобиқ шудан ба дигаргуниҳо ва муқобилиат бо хавфҳои беруна муосидат мекунад.

Аз ҷониби муаллиф хулоса карда шуд, ки самаранокии банақшагирии стратегӣ бе платформаи муосир ва мутақобилаи усулҳову меъёрҳои банақшагирии стратегӣ ғайриимкон аст, зеро дар баъзе мавридҳо хароҷот, нишондиҳандаҳои мақсаднок, натиҷаҳои чашмдошт барои татбиқ тамоман асоснок карда намешавад, ки ин раванд ба андешаи муаллиф норасогии низом ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, усулҳои банақшагирии стратегӣ бояд дар доираи риояи меъёрҳои возеҳ, доираи васеи мутахассисон, ташаккули махзани дониш ва таҷрибаи стратегии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ асос ёбад, ки заминаи омӯзиши онҳо ба таври эвристикӣ татбиқ карда шавад.

Дар диссертасия таҷрибаи як қатор кишварҳои ҷаҳон, ба монанди Ҷумҳурии Корея, Ҷопон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, ИМА, давлатҳои ИДМ, инчунин Иттиҳоди Аврупо барои муайян кардани механизми татбиқи пурраи низоми банақшагирии стратегӣ ва имконияти истифодаи таҷрибаи онҳо дар Тоҷикистон таҳлил ва ҷамъбаст карда шудааст.

Таҳлил нишон дод, ки дар даҳсолаи охир кӯшишҳои кишварҳои минтақа ва ҷаҳон доир ба таҳия ва амалигардонии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир мебошанд.

Дар ин самт кишварҳои Иттиҳоди Аврупо пешсаф буда, дар ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии онҳо ташаккули низоми ягонаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба сифати вазифаи асосии дарозмуддат муайян гардидааст. Принсип ва равишҳои ҳуҷҷатҳои стратегӣ дар низоми банақшагирии

стратегии ҳамаи кишварҳои ҷаҳон хусусиятҳои умумӣ доранд. Ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар доираи ин кишварҳо омӯзиши вазъи ҷойдошта, муайянкунии ҳадафҳо, мониторинг ва назорат ҳатман ба инобат гирифта мешаванд.

Дар низоми банақшагирии стратегӣ истифодаи таҷрибаи Ҷумҳурии Корея афзал шуморида шуд, зеро бо назардошти маҳдудияти сарчашмаҳои маблағгузорӣ тахия ва татбиқи нақшаҳои стратегӣ барои давраҳои миёнамуҳлат бо интихоби як самти муҳим ба мақсад бештар мувофиқ мебошад. Ҳамзамон роҳандозии таҷибаи Ҷумҳурии Узбекистон дар самти таъсиси комиссияҳо дар сатҳи роҳбари давлат ва аъзои ҳукумат барои баланд бардоштани масъулияти иҷрокунандагон зарур арзёбӣ карда мешавад. Амали мазкур ҷиҳати татбиқи саривақтӣ ва сифатноки ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар кишвар мусоидат менамояд.

**Дар боби дуюми диссертатсия – «Таҳлили вазъи банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** марҳилаҳои ташаккули низоми миллии банақшагирии стратегӣ, дастовардҳои иқтисодӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ, арзёбии ҳамоҳангсозии татбиқи сиёсати макроиқтисодӣ ва пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ тавассути банақшагирии стратегӣ аниқ ва муайян карда шудаанд.

Бо назардошти вазъи зудтағйирёбандаи иқтисоди ҷаҳон дар пасманзари таҳдидҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодӣ ташкили низоми дурусти банақшагирии стратегӣ дар ҳар як кишвар нақши асосӣ мебозад. Зеро низоми дурусти банақшагирии стратегӣ имконият медиҳад, ки нерӯву имкониятҳои воқеии бахшу соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ пурра ба нақша гирифа шуда, барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди стратегӣ истифода карда шаванд.

Дар диссертатсия таърихи ташкили низоми миллии банақшагирии стратегӣ омӯхта шуда, муайян гардид, ки ин низом таърихи начандон тулонӣ дорад.

Марҳилаҳои ташаккулёбӣ ва рушди низоми банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муаллиф ба 4 марҳила ҷудо намудааст. (Расми 2).




**Расми 2.** Давраҳои ташаккул ва рушди низоми банақашигирии стратегӣ ва дурнамосозӣ дар Тоҷикистон.

Таҳияи муаллиф.

Дар диссертатсия ошкор карда шуд, ки низоми банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодӣ бо ҳам алоқамандӣ ва ҳамоҳангии зич дошта, бо истифодаи низоми комплексию муосир дар ин самтҳо муайян намудани неруву имкониятҳои дохилӣ беҳтар мегардад.

Дар маҷмуъ, тайи даврони соҳибистиқлолӣ бо мақсади банақшагирии ҳадафҳои стратегӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат татбиқи 2 ҳуҷҷати банақшагирии стартегии сатҳи миллӣ барои давраи дарозмуддат ва қариб шашсад ҳуҷҷатҳои соҳавӣ ва маҳаллӣ роҳандозӣ гардидааст. Ҳоло

«Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (СМР-2030) ва «Барномаи миёнмуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» (БМР-2021-2025) дар ҳолати иҷро қарор доранд.

Омӯзиш нишон дод, ки СМР-2030 ҳуҷҷати стратегӣ ва бунёдии давлат маҳсуб шуда, мақсад ва вазифаҳои афзалиятноки рушди кишварро дар давраи дарозмуҳлат муайян менамояд. Мақсад ва вазифаҳои стратегияи мазкур барои дигар ҳуҷҷатҳои марбут ба масоили рушд ба инобат гирифта мешаванд.

Таҳлил дар доираи дессертатсия муайян намуд, ки дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани ҳамоҳангии ҳуҷҷатҳои сатҳи миллӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ, инчунин роҳандозии ҳадафҳои стратегӣ ба Тоҷикистон имкон дод, ки дар солҳои Истиқлолият натиҷаҳои дилхоҳро ба даст биёрад. (Ҷадвали 3)

**Ҷадвали 3. - Нишондиҳандаҳои асосии рушди иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1997-2023**

| **Нишондиҳандаҳо** | | **Солҳо** | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **1997** | **2000** | **2010** | **2015** | **2020** | **2022** | **2023** | **2023/ 1997, бар.** |
| **ММД** | I | 518,4 | 1786,8 | 24707,1 | 50977,8 | 83958,3 | 118181,7 | 130791,5 | 25,2 |
| | II | 101,7 | 108,3 | 106,5 | 106,0 | 104,4 | 108,0 | 108,3 | |
| **Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ** | I | 398,5 | 1374,4 | 8184,0 | 16939,0 | 32467,0 | 43025,0 | 46815,5 | 11,7 |
| | II | 98,0 | 109,9 | 109,2 | 111,3 | 109,7 | 115,4 | 112 | |
| **Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ** | I | 242,3 | 693,2 | 15336,8 | 31368,4 | 42765,6 | 49272,5 | 63028,4 | 26 |
| | II | 103,6 | 112,7 | 106,8 | 103,2 | 108,8 | 108,0 | 109 | |
| **Гардиши савдои хориҷӣ, ҳамагӣ** | I | 1496,0 | 1459,3 | 3851,6 | 4326,2 | 4557,8 | 7309,5 | 8328,9 | 5,5 |
| | II | 104,0 | 108,0 | 107,6 | 82,0 | 100,8 | 114,9 | 113,9 | |
| **Даромади пулии аҳолӣ** | I | 348,3 | 1004,6 | 13256,0 | 25569,8 | 65347 | 95124,6 | 112700 | 32,3 |
| | II | 188,2 | 136,1 | 121,3 | 105,7 | 136,2 | 118,2 | 118,5 | |
| **Хароҷоти пулӣ ва пасандози аҳолӣ** | I | 324,4 | 909,9 | 13948,5 | 34968,0 | 72555,7 | 110606,3 | 122000 | 37,6 |
| | II | 185,3 | 127,1 | 124,9 | 104,2 | 148,5 | 120,4 | 110,9 | |
| **Истеҳсоли нерӯи барқ** | млн. кВт/с | 14005 | 14247 | 16435 | 17162 | 19771 | 21400 | 21861 | 1,6 |

**Замима:** I -млн. сомонӣ; II - бо %.

**Сарчашмаҳо:** Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ, Маҷмӯи аморӣ.-Душанбе, АОПҶТ, 2021.- С.12-19; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023. С.12-13.

Яке аз нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, ки вазъи иҷтимоию иқтисодии кишварро баҳо медиҳад ин маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳисоб меравад. Тавре аз ҷадвали 3 бармеояд бо назардошти вазъи сиёсӣ дар

кишвар то соли 2000 суръати рушди ММД чандон назаррас нест. Агар, дар соли 1997 нишондиҳандаи мазкур ҳамагӣ 101,7 фоиз афзоиш ёфта бошад, пас баъд аз соли 1997 суръати рушди иқтисодӣ ба истиснои давраҳои бухронӣ тамоюли афзоишёбанда касб намуд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки суръати рушди миёнасолонаи иқтисоди миллӣ дар солҳои 1997-2023 дар сатҳи 7,0 таъмин гардидааст.

Дар соли 2023 даромади пулии аҳолӣ 112,7 миллиард сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 1997 32,3 маротиба ва нисбат ба соли 2022 18,5 фоиз афзоиш ёфтааст. Хароҷоти пулӣ ва пасандозҳои аҳолӣ дар соли 2023 122 млрд. сомонӣ баробар гардида, мутаносибан назар ба соли 1997 37,6 маротиба ва соли 2022 ба андозаи 10,9 фоиз зиёд гардидааст.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки ҳарчанд дар 33 соли Истиқлоли давлатӣ аҳолии Тоҷикистон қариб 2 баробар афзоиш ёфт (аз 5,5 млн. нафар то наздики 10 млн. нафар), ММД ба ҳар сари аҳолӣ бо ифодаи доллар 7,2 маротиба зиёд шуд.

**Дигараммаи 1. – Динамикаи ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2023**




**Сарчашмаҳо:** Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ, Маҷмӯи аморӣ.-Душанбе, АОПҶТ, 2021.-С.14; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023.–С.12.

Дар заминаи иҷрои саривақтӣ ва сифатноки ҳуҷҷатҳои стратегӣ сатҳи камбизоатӣ дар соли 2023 то ба 21,2 фоиз паст шуд, ки нисбат ба соли 1997 тахминан 62 банди фоизӣ кам мебошад.

Дар маҷмӯъ таҳлили вазъи макроиқтисодии Тоҷикистон  дар солҳои Истиқлолият нишон дод, ки ҳадафҳои стратегии муайянгардидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътимоднок ва дурандешона буда, барои таъмини сатҳи зарурии рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум мусоидат намудаанд.

Дар диссертатсия аниқ карда шуд, ки татбиқи банақшагирии стратегӣ ба Ҳукумати Тоҷикистон барои муайян кардани самтҳои афзалиятнок, ба монанди энергетика, нақлиёт, кишоварзӣ ва саноат, ки бештар таваҷҷуҳ ва сармоягузориро талаб мекунанд, имкониятҳои васеъ фароҳам овард. Амали мазкур барои таъмини ба гуногунсамтии рушди  иқтисодиёт ва баланд бардоштани рақобатпазирии он, инчунин коҳиш додани  вобастагӣ аз омилҳои беруна заминаҳои устувор гузошт.

Дар диссертатсия муаллиф дар натиҷаи арзиёбии таъсири бухронҳои иқтисодию молиявӣ хулоса кардааст, ки таъсири асосии буҳронҳои мазкур ба иқтисоди миллӣ асосан тавассути коҳиш ёфтани ҳаҷми сармоягузориҳо, бахусус сармояи мустақими хориҷӣ, кам шудани воридоти маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, ноустуворӣ ва баландшавии нархи молу маҳсулоти воридотӣ, инчунин маҳдудияти интиқоли технология ва молу маҳсулот ба миён омадааст.

Маҳз дар давраҳои буҳронӣ низоми банақшагирии стратегӣ ва ҳамоҳангсозии татбиқи сиёсати макроиқтисодӣ вазифаҳои асосии худро бояд пурра иҷро намояд, яъне таҳияи ҳуҷҷатҳои банақшагирии самтҳои асосии фаъолияти соҳаҳо бо назардошти муайянкунии имкониятҳо ва таъсири эҳтимолии омилҳо ва хавфҳои таъсиррасон натиҷаҳои дилхоҳ биёрад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки бо мақсади пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ дар давраҳои буҳронӣ ситод, шӯро ва гурӯҳҳои доимоамалкунанда таъсис дода шудаанд.

Муаллиф ҳамоҳангсозии татбиқи сиёсати макроиқтисодӣ ва пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллиро тавассути банақшагирии

стратегӣ зарур арзёбӣ намуда, хулоса кардааст, ки дар ин раванд бояд имконияту иқтидор ва омилҳои таъсиррасони улли соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ба инобат гирифта шаванд. Дар ин ҷода дарёфти роҳҳои бартараф кардан ё рӯйпуш кардани маҳдудиятҳо аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилӣ хеле муҳим ҳисобида мешавад.

Дар диссертатсия инчунин динамикаи тағйирёбии баъзе нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар давраҳои бухронӣ таҳлил шуда, нақши низоми банақшагирии стратегӣ ва ҳамоҳангсозии сиёсати макроиқтисодӣ зимни пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба низоми иқтисоди миллӣ баҳодиҳӣ карад шудааст.

**Ҷадвали 4. - Муқоисаи баъзе нишондиҳандҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2008-2009, 2014-2015 ва 2020-2023, %**

| Нишондиҳанда | 2008 | 2009 | Фарқият % | 2014 | 2015 | Фарқият % | 2020 | 2023 | Фарқият % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Суръати рушди ММД | 107,9 | 103,9 | -4,0 | 106,7 | 106 | -0,7 | 104,5 | 108,3 | 3,8 |
| Суръати рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ | 96,5 | 93,5 | -3,0 | 105 | 111,3 | 6,3 | 109,7 | 112,0 | 2,3 |
| Суръати рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ | 106,1 | 110,5 | 4,4 | 104,5 | 103,2 | -1,3 | 108,8 | 109,0 | 0,2 |
| Суръати рушди маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ | 153,5 | 89,8 | -63,7 | 129,3 | 130,1 | -0,8 | 95,4 | 122,5 | 27,1 |
| Суръати рушди гардиши савдои дохилӣ | 112,4 | 112,5 | 0,1 | 106,7 | 105,6 | 1,1 | 93,2 | 113,4 | 20,2 |
| Суръати рушди хизматрасониҳои пулакӣ | 125,3 | 112,1 | -13,2 | 101,0 | 92,4 | -8,6 | 103,9 | 114,1 | 10,2 |
| Суръати рушди гардиши савдои хориҷӣ, ҳамагӣ | 116,6 | 76,5 | -40,1 | 105,7 | 82,0 | -23,7 | 100,8 | 113,9 | 13,1 |
| Аз ҷумла: - *содирот* | 96 | 71,7 | -24,3 | 103,6 | 91,1 | -12,5 | 119,8 | 114,3 | -5,5 |
| - *воридот* | 128,5 | 78,5 | -50 | 107,1 | 106,2 | -0,9 | 116,6 | 113,8 | -2,8 |

**Сарчашмаҳо:** Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ, Маҷмӯи аморӣ.-Душанбе, АОПҶТ, 2021.-С.14-19; Омори солонаи Ҷумхурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023.–С.12-13.

Тавре аз ҷадвали 4 бармеояд, агар дар заминаи таъсири бухронҳои ҷаҳонии молиявию иқтисодии соли 2008 суръати рушди ММД дар соли 2009 то 3,9 фоиз коҳиш ёфта бошад, пас дар бухрони навбатии соли 2015 нишондиҳандаи мазкур то 6,0 фоиз коҳиш ёфт. Ҳоло он ки дар давраҳои қайдгардида таъсири хавфҳои беруна ба иқтисоди миллӣ якранг буданд. Дар соли 2020 бошад бо назардошти таъсири пандемияи КОВИД-19 суръати рушди ММД то 4,5 фоиз суст шуд.

Вобаста ба ин дар диссертатсия хулоса карда шуд, ки сарфи назар аз таъсири хавфҳои берунӣ дар солҳои охир устувории макроиқтисодӣ дар кишвар аз ҳисоби омилҳои дохилӣ, бахусус рушди бахши воқеии иқтисодиёт таъмин гардида истодааст.

Новобаста аз ин, бо назардошти ҷой доштани номуайнӣ дар муносибатҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ байни кишварҳои абарқудрат аксари кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон зери таъсири хавфҳои манфии беруна қарор дорад. Дар ин росто дар диссертатсия ҷиҳати таъмини дигаргунсамтии иқтисодиёт, таҳкими имкониятҳои институтсионалии кишвар, пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ ва дар ин замина беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ барои расидан ба ҳадафҳои стратегии рушди кишвар таклифҳо пешниҳод шуданд.

**Боби сеюми диссертатсия - «Самтҳои асосии такмили низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ» -** ба таҳлили такмили раванди танзими давлатии низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, сенарияҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар давраи миёнамуҳлат, такмили низоми мониторинг ва арзёбии нақшаҳои стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ ва дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор доштани низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ масъалаи танзими давлатии ин раванд хело муҳим мебошад. Такмили раванди танзими давлатии низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ коркард ва дар амал татбиқ намудани маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ, инчунин тақвияти заминаҳои

институтсионалию инфрасохторӣ ва кадриро дар мамлакат тақозо менамояд.

Дар натиҷаи таҳлил ошкор карда шуд, ки раванди танзими давлатии низоми банақшагирии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дошта, на ҳама ҳуҷҷатҳои зарурии батанзимдароранда қабул ва мавриди амал қарор гирифтаанд.

Таҳлили низоми мавҷудаи батанзимдарории давлатии раванди банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ нишон дод, ки барои такмили бештари ин раванд роҳандозии чораҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

- татбиқи низоми муосири мониторинг ва баҳодиҳии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва такмили онҳо ҳангоми тағйирёбии вазъи иқтисодӣ ва ба миён омадани хавфҳо;
- ҷалби фаъолонаи бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таҳияи онҳо;
- тақвияти ҳамкориҳо бо шарикони рушд дар самти омӯзиши унсурҳои муосири низоми банқашгирии стратегӣ;
- омода намудани мутахассисони тахассусманд дар самти банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ, бахусус дар сатҳи соҳавию маҳаллӣ, аз ҷумла тавассути дар хориҷи кишвар ба таҳсил фаро гирифтан ва таҳияи барномаҳои таълимии махсус;
- ҷорӣ намудани низоми муосири иттилоотӣ барои ҷамъоварӣ, таҳлил ва истифодаи иттилоот дар раванди банақшагирии стратегӣ ва рақамикунонии равандҳо;
- роҳандозии механизми идоракунии хатарҳо, аз ҷумла таъсири бӯҳронҳои молиявӣ ё офатҳои табиӣ ба раванди банақшагирии стратегӣ таъсиррасон;
- ташаккули низоми ҳамоҳангсозии таҳия ва татбиқи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ бо дигар равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва сохторҳои давлатӣ;

- ҳамоҳангсозии чорабиниҳо, мақсадҳо ва вазифаҳо вобаста ба муҳлат, иҷрочиён, таъминоти молиявӣ ва захиравӣ;
- таҷдиди назар намудани нишондиҳандаҳои иқтисодиву иҷтимоии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ;
- такмили қонунгузории кишвар, аз ҷумла «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ»;
- таҳия ва қабули ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, низомномаҳо ва дастурамалҳо, ки фаъолияти иштирокчиёни низоми банақшагирии стратегиро дар маҳалли мушаххас танзим менамоянд;
- коркард ва тасдиқи консепсияи илман асоснокшудаи рушди низоми банақшагирии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайраҳо.

Дар заминаи таҳаввулоти идомаёбандаи ҷаҳон, бахусус дар самти сиёсати савдо, ҷоринамоии маҳдудиятҳо дар муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратӣ байни давлатҳои абарқудрат, бо назардошти оқибатҳои ногувори тағйирёбии иқлим ва сар задани ҳар навъ бемориҳои сироятӣ дар БМР-2021-2025 сенарияҳои рушд тағйир дода шудаанд, аз ҷумла, сенарияи бuҳронӣ, воқеъбинона ва шиддатнок. Афзоиши ҳаҷми номиналии ММД дар сенарияи буҳронӣ 1,4 маротиба, воқеъбинона 1,5 маротиба ва шиддатнок 1,8 маротиба пешбинӣ шудааст.

**Ҷадвали 5. - Сенарияҳои рушд тибқи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ**

| Номи ҳуҷҷатҳо | Сенарияҳо | Афзоиши ММД, маротиба | Иҷроиш дар солҳои 2016-2023, маротиба |
|---|---|---|---|
| 1. «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» | 1.1. Инертсионӣ | 2,0 | 2,6 |
| | 1.2. Индустриалӣ | 2,7 | |
| | 1.3. Индустриалию инноватсионӣ | 3,5 | |
| 2. «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» | 2.1. Пессимистӣ | 1,4 | Иҷроиш дар солҳои 2016-2020<br>1,6 |
| | 2.2. Реалистӣ | 1,8 | |
| | 2.3. Оптимистӣ | 2,0 | |
| 3. «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» | 3.1. Буҳронӣ | 1,4 | Иҷроиш дар солҳои 2021-2023<br>1,5 |
| | 3.2. Воқеъбинона | 1,5 | |
| | 3.3. Шиддатнок | 1,8 | |

**Сарчашмаҳо:** СМР-2030.-С.18-21; БМР-2021-2025-С.45-47: Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ, Маҷмӯи оморӣ.-Душанбе, АОПҶТ, 2021.-С.15-19; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. -Душанбе, 2023.С.5-10.

Таҳлил муайян намуд, ки сенарияи индустриалии СМР-2030 аллакай дар соли 2023 қариб иҷро шудааст. Дар натиҷа дар диссертатсия хулоса шудааст, ки дар мавриди бо чунин тамоюл рушд кардани иқтисоди миллӣ ҳаҷми ММД дар соли 2030 ба 326 млрд. сомонӣ баробар гашта, ки нисбат ба соли базавӣ (2015) тақрибан 6 маротиба зиёд мебошад.

Дар ин асос дар диссертатсия зарурияти таҷдиди назар намудани нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ таъкид карда шудааст.

Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии кишвар аз рӯи сенарияҳое, ки дар асоси модели «савдо ва истеҳсолот» таҳия гардидаанд, дар ҷадвали 6 оварда шудааст.

**Ҷадвали 6. – Дурнамои маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз рӯи се сенария барои давраи то соли 2030**

| Нишондиҳанда | воҳид | 2025 | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 | 2030 | 2030/ 2025, маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Сенарияи 1. Воқеӣ** | | | | | | | | |
| ММД | I | 165792 | 191538 | 219336 | 249432 | 285100 | 326380 | 1,9 |
| | II | 107,8 | 108,3 | 107,9 | 108,0 | 108,6 | 107,8 | |
| **Сенарияи 2. Бухронӣ** | | | | | | | | |
| ММД | I | 162355 | 172392 | 186367 | 201211 | 218291 | 235267 | 1,4 |
| | II | 104,8 | 104,3 | 104,8 | 105,2 | 104,7 | 105,1 | |
| **Сенарияи 3. Шиддатнок** | | | | | | | | |
| ММД | I | 166317 | 195638 | 238999 | 286873 | 339451 | 418298 | 2,5 |
| | II | 109,8 | 110,6 | 110,7 | 110,5 | 110,5 | 111,0 | |

**Замима:** I -млн. сомонӣ; II - бо %.
Таҳияи муаллиф.

Бо назардошти таҳлили вазъи иҷтимоию иқтисодӣ дар солҳои охир, инчунин вазъи геосиёсии ҷаҳони имрӯза, аз ҷумла номуайянӣ ва тағйирёбии муносибатҳо байни кишварҳои абарқудрат, ҷоринамоии таҳримҳо нисбат ба шарикони асосии стратегии Тоҷикистон, ноустувории нархи молу маҳсулоти стратегии кишвар дар бозорҳои ҷаҳонӣ, ҳамзамон тағйирёбии иқлим, аз ҷумла камобӣ ва хушксолӣ нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамуҳлат аз рӯи се сенария чунин пешниҳод карда шуд (Ҷадвали 7).

**Ҷадвали 7. Дурнамои рушди нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ дар соли 2030 дар муқоиса бо соли 2025 (маротиба)**

| Нишондиҳанда | Сенарияи воқеӣ | Сенарияи бухронӣ | Сенарияи шиддатнок |
|---|---|---|---|
| ММД | 1,9 | 1,4 | 2,5 |
| Саноат | 2,3 | 1,6 | 3,1 |
| кишоварзӣ | 1,6 | 1,4 | 1,7 |
| Маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ | 2,0 | 123 фоиз | 2,7 |
| Гардиши савдои дохилӣ | 2,1 | 1,5 | 2,9 |
| Савдои хориҷӣ | 130 фоиз | 105,5 фоиз | 1,5 |

Таҳияи муаллиф.

Тавре дар ҷадвали мазкур оварда шудааст, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар соли 2030 нисбат ба соли 2025 тибқи сенарияи воқеӣ 1,9 маротиба, бухронӣ 1,4 маротиба ва шиддатнок 2,5 маротиба афзоиш хоҳад ёфт.

Дар диссертатсия бо назардошти омӯзиши вазъи ҷойдошта дар самти низоми мониторинг ва арзёбӣ дар Тоҷикистон бо мақсади такмили низом ва ҳалли мушкилоти ҷойдошта як қатор чораҳо пешниҳод карда шудаанд (Ҷадвали 8).

**Ҷадвали 8. – Самтҳо ва тадбирҳои такмили низоми мониторинг ва арзёбӣ дар Тоҷикистон**

| Самтҳо | Тадбирҳо |
|---|---|
| Такмили қонунгузорӣ | Гузаронидани таҳлили қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ, инчунин ба инобат гирифтани таҷрибаи пешқадами дигар кишварҳо дар онҳо. |
| Таъминоти кадрӣ | Таҳия намудани барномаҳои таълимӣ ва бозомӯзии касбӣ барои мутахассисон, ки дар соҳаи мониторинг ва арзёбӣ фаъолият мекунанд, инчунин эҷоди захираҳои кадрӣ барои баланд бардоштани сатҳи тахассус ва рушди касбӣ. |
| Тақвияти инфрасохтори техникӣ | Ворид намудани технологияҳои муосири иттилоотӣ ва воситаҳои барномавӣ барои ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва таҳлили иттилоот, ки барои беҳтар гардидани самаранокӣ ва дақиқии мониторинг ва арзёбӣ мусоидат менамояд. |
| Ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ | Эҷоди механизмҳо барои иштироки фаъолонаи ҷомеа дар раванди мониторинг ва арзёбӣ, масалан, тавассути муҳокимаҳои ҷамъиятӣ ва иштироки лоиҳаҳои ҷамъиятии шаҳрвандӣ. |
| Татбиқи лоиҳаҳои пилотӣ ва таҷрибаҳо | Гузаронидани лоиҳаҳои пилотӣ дар миқёси хурд ҷиҳати санҷидани усулҳои нави мониторинг ва арзёбӣ, инчунин барои арзёбии самаранокӣ ва татбиқшавандагии онҳо дар мисоли Тоҷикистон. |
| Тақвияти ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ | Таъсис додани шарикиҳои муносиб бо созмонҳои байналмилалӣ, аз қабили СММ, Бонки ҷаҳонӣ ва дигарон, барои табодули таҷриба ва дарёфти дастгирии техникӣ дар самти таҳия ва татбиқи усулҳои муосири мониторинг ва арзёбӣ. |
| Такмили Стратегияи | Ҳамгироии усулҳои нави мониторинг ва арзёбӣ дар |

Идома

| | |
|---|---|
| миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 | стратегияи миллии рушди Тоҷикистон, ки устуворӣ ва самаранокии дарозмуддати онҳоро таъмин менамояд. |
| Роҳандозии истифодаи таҷриба | Ташкили семинарҳои таълимӣ, конфронсҳо ва табодули таҷриба. |
| Роҳандозии усулҳои нави мониторинг ва арзёбӣ | Истифодаи усулҳои нави мониторинг ва арзёбии раванди татбиқи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ барои ошкор намудани мушкилот ва ислоҳи нақшаҳо, барномаҳо мувофиқи талабот ва шароити тағйирёбанда. |

Таҳияи муаллиф.

Ҳамин тариқ беҳтарсозии низоми мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии Тоҷикистон як қадами муҳим барои баланд бардоштани самаранокии идораи давлатӣ ва ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегӣ ба ҳисоб меравад. Роҳандозии таҷрибаи байналмилалӣ ва мутобиқсозии таҷрибаҳои пешқадами дигар кишварҳо метавонад ба татбиқи муваффақонаи ин вазифа мусоидат намояд.

## ХУЛОСАҲО ВА ПЕШНИҲОДҲО

### *А) Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия*

1. Дар ҷараёни таҳқиқоти анҷомдодашуда мафҳумҳо, усулҳо ва меъёрҳои асосии банақшагирии стратегӣ, ки олимони пешсаф дар ин соҳа пешниҳод кардаанд, гурӯҳбандӣ карда шуданд. Муайян карда шуд, ки банақшагирии стратегӣ ҳамчун низоми муҳими идоракунии давлатӣ ба ҳисоб рафта, таъмини рушди устувори кишварро тавассути муайян намудани ҳадафу афзалиятҳо, таҳлили омилҳои беруна ва дохилӣ, инчунин таҳияи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ таъмин менамояд [3-М].

2. Омӯзиши ақидаҳои олимон нишон дод, ки ҷузъҳои калидии низоми банақшагирии стратегӣ таҳлили SWOT, таҳлили PEST, матритсаи Ансофф ва модели панҷ қувваи Майкл Портерро дар бар мегиранд, ки дар шароити рақобатпазирии иқтисоди ҷаҳон ва минтақа ба мутобиқ шудан ба тағйирот ва зиддият нишон додан бо хавфҳои беруна мусоидат мекунад [3-М, 5-М].

3. Дар раванди омӯзиши ҷанбаҳои назариявии низоми банақшагирии стратегӣ муайян карда шуд, ки низоми самараноки банақшагирии стратегӣ бояд ба меъёрҳои муайян, ба монанди мутобиқшавӣ, устувории дарозмуддат, ҳадафмандӣ, рақобатпазирӣ асос ёбад ва ин имкон медиҳад,

ки қарорҳои асоснок қабул гардида, устувории макроиқтисодӣ дар шароити тағйироти доимӣ дар кишвар таъмин карда шавад [5-М].

4. Таҳқиқот муайян намуд, ки бо назардошти пешрафту тағйироти бахши молиявию бонкӣ зарурияти муосиргардонии заминаи назариявии низоми банақшагирии стартегӣ пеш омадааст. Ба ақидаи мо низоми банақашагирии стратегӣ – раванди таҳлили маҷмӯии аз ҷиҳати илмӣ асоноккушудаи ҳадафу афзалиятҳои дарозмуҳлат ва роҳҳои ноилшавӣ ба онҳо мебошад, ки захираву имкониятҳои мавҷуда ва хавфҳои эҳтимолиро барои таъмини рушди устувори давлат, минтақа, соҳа ва корхона ба инобат мегирад [3-М, 5-М].

5. Дар натиҷаи таҳқиқоти таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон муайян гардид, ки ҳарчанд давлатҳо дар маҷмуъ низоми ягона ё равиши якхелаи банақшагирии стратегиро роҳандозӣ намоянд ҳам, баъзе хусусиятҳои фарқкунандаи ин низом дар онҳо ҷой дорад. Аз ин рӯ, бояд низоми банақшагирии стратегӣ бо назардошти имконияту неруи кишвар, мавқеи ҷойгиршавӣ, шарикони асосии тиҷоратӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ роҳандозӣ гардад, ки ин ниҳоят барои ноил гардидан ба натиҷаҳои назаррас ва дар маҷмуъ барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум мусоидат мекунад [9-М, 10-М].

6. Таҳлил нишон дод, ки низоми банақшагирии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дошта, дар он як қатор масъалаҳо, ба монанди ҳамоҳангсозии байни мақомотҳо, касбияти мутахассисони соҳавӣ, алоқамандии банақшагирии стратегӣ бо раванди таҳияи буҷет ва ғайра ҷой доранд. Вобаста ба ин, такмили доимии низоми мазкур, бахусус қабули санадҳои зерқонунии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ», такмили сохтори амалкунандаи вазорату идораҳо ва нерӯи кадрии онҳо дар самти банақшагирии стратегӣ ва бо назардошти ҳадафу афзалиятҳои муайянгардида ва тамоюлҳои ҷойдоштаи иқтисоди ҷаҳон таҷдиди назар

намудани стратегия ва барномаҳои амалкунанда ба мақсад мувофиқ мебошад [5-М].

7. Бо назардошти таҳқиқоти назарияҳои гуногун вобаста ба истифодаи онҳо дар мониторинги ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ муҳиммияти истифодаи назарияи «тағйирот» дар раванди мазкур барои баланд бардоштани самаранокӣ ва устувории татбиқи онҳо муайян карда шуд. Назарияи «тағйирот» имкон медиҳад, ки раванди татбиқи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ возеҳ нишон дода шуда, тадбирҳо бо натиҷаҳои интизорӣ ва ҳадафҳои дарозмуҳлат пайваст карда шаванд. Истифодаи ин консепсия дар низоми мониторинг ҷиҳати сари вақт ворид намудани тағйирот дар тадбирҳои пешбинишуда замина мегузорад [9-М, 11-М].

8. Дар давраи баррасишаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақсаду вазифаҳои стратегии рушди иқтисодиёт дар супоришҳои Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмашон ба Маҷлиси Олӣ ва дар дигар қарору супоришҳои Ҳукумати кишвар муайян шудаанд. Омӯзиш муайян намуд, ки дар татбиқи сифатнок ва саривақтии баъзе аз мақсаду вазифаҳо тамоюлҳои ҷойдоштаи иқтисоди ҷаҳон ва минтақа, аз ҷумла, низоъҳои тиҷоратӣ байни кишварҳои абарқудрат, ҷоринамоии таҳримҳои нисбат ба шарикони асосии Тоҷикистон, паҳншавии бемориҳои сироятӣ, инчунин тағйирёбии иқлим таъсири бештар расонидаанд [1-М, 2-М, 5-М].

9. Қоидаҳо, меъёрҳо ва усулҳое, ки барои таҳия ва татбиқи банақшагирии стратегии давлатӣ заруранд, муқаррар карда шуд. Меъёрҳои мавҷудбуда самти ҳаракатро аниқ карда, бо ин роҳ пайдарпаии раванд ва мақсаднокии ҳадафҳои стратегӣ таъмин мегардад. Модели низоми банақшагирии стратегӣ барои Тоҷикистонро аз нуқтаи назари системавӣ ва маҷмӯӣ таҳия гардид [3-М,5-М,10-М,11-М].

10. Ҳангоми таҳияи стратегия бояд роҳҳои гуногуни ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ, яъне аз рӯи сенарияҳои эҳтимолӣ интихоб, баррасӣ ва татбиқ карда шаванд. Бахусус, сенарияҳои татбиқи ҳадафҳо бояд дар вазъияти гуногун, бахусус дар вазъияти имрӯза, тағйирёбанда ва афзоиши

таъсири омилҳои мухталиф асоснок гардад. Дар ин росто бо назардошти таҳлили имкониятҳои мавҷуда ва таъсири омилҳои беруна дурнамои нишондиҳандаҳои асосии рушди макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2026-2030 тибқи се сенария- бухронӣ, воқеӣ ва шиддатнок таҳия карда шуд. Дар сенарияи бухронӣ суръати рушди иқтисоди кишвар дар сатҳи 4-5 фоиз, сенарияи воқеӣ 7-8 фоиз ва дар сенарияи шиддатнок 9-11 фоиз пешбинӣ шудааст [6-М].

11. Барои баҳодиҳии самаранокии низоми банақшагирии стратегӣ якчанд нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ истифода карда шудаанд. Якум, рушди иқтисоди миллӣ, ки тавассути ММД ва нишондиҳандаи он ба ҳар нафар аҳолӣ муайян карда мешавад. Дуюм, сатҳи бекорӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ки рушди сармояи инсониро инъикос мекунанд. Сеюм, сатҳи камбизоатӣ ва беҳтар шудани дастрасӣ ба маориф ва тандурустӣ. Инчунин дигар нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ - сатҳи таваррум ва даромади пулии аҳолӣ арзёбӣ карда шудаанд [1-М, 2-М, 6-М].

12. Аҳамияти низоми банақшагирии стратегии кишварро дар самти ҳамоҳангсозии татбиқи сиёсати макроиқтисодӣ ва пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ арзёбӣ ва асоснок карда шудаанд. Дар даврони соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон таъсири як чанд бӯҳронҳои ҷаҳониро ба иқтисоди миллӣ, аз ҷумла соли 2008 ва 2015, бухронҳои ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ ва солҳои 2020-2021, бухрони озуқаворӣ, тиббӣ ва коммуникатсиониро, ки дар пайи паҳншавии бемории сироятии COVID-19 ба вуҷуд омада буданд, аз сар гузаронид. Бухрони навбатии иқтисодию иҷтимоии ҷаҳонӣ, ки бо назардошти оғози амалиёти махсуси ҳарбӣ аз ҷониби Россия нисбат ба Украина ба миён омад, ҷаҳони имрӯзаро ба номуайянӣ овардааст. Таъсири бухронҳои мазкур ба иқтисоди миллӣ асосан тавассути коҳиш ёфтани ҳаҷми сармоягузориҳо, бахусус сармояи мустақими хориҷӣ, кам шудани воридоти маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, ноустуворӣ ва баландшавии нархи молу маҳсулоти воридотӣ, инчунин маҳдудияти

интиқоли технология ва молу маҳсулот ба миён омад [1-М, 2-М, 6-М, 7-М, 8-М].

13. Солҳои охир таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ коҳиш ёфта истодааст, зеро сарфи назар аз таъсири хавфҳои берунӣ устувории макроиқтисодӣ дар кишвар аз ҳисоби омилҳои дохилӣ, бахусус бахши воқеии иқтисодиёт таъмин гардида истодааст [1-М, 2-М, 6-М, 7-М, 8-М].

**Б) Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

1. Бо мақсади такмили низоми банақшагирии стратегӣ ворид намудани тағйиротҳои зерин дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» дар диссертатсия пешниҳод гардид: [5-М, 9-М, 11-М]

- Рақамикунонӣ - истифодаи технологияи рақамӣ дар низоми банақшагирии стратегӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокӣ ва шаффафояти ҷараёни банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ;

- мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор карда шаванд, ки бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва соҳибкорони маҳаллӣ вобаста ба таҳия ва татбиқи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи маҳал мунтазам машварат гузаронанд;

- ҳангоми муайянкунии чорабиниҳои ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ бояд асосноккунии иқтисодӣ ва истифодаи самараноки маблағҳо, бахусус таъсири иҷтимоию иқтисодии онҳо пешниҳод карда шавад;

- бо мақсади баҳодиҳии объективии раванди татбиқи ҳуҷҷатҳои банақшагирии старетегӣ мақоми ваколатдори соҳа метавонад мушовирони институтҳои илмию татқиқотии ватанӣ ва дигар ташкилотҳои байналмилалиро ҷалб намояд;

- дурнамоҳои давлатӣ бояд таҳлили хавфҳои ҷаҳонӣ, ба монанди тағйирёбии иқлим, бемориҳои сироятӣ, хавфҳои эҳтимолии иқтисодӣ, инчунин тадбирҳо оид ба коҳиш додани онҳоро ба инобат гирад;

- дурнамоҳои давлатӣ бо назардошти тағйирёбии вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ, инчунин натиҷаи мониторинги татбқи онҳо таҷдиди назар карда шаванд.

2. Пешниҳод гардид, ки расмиёти ҷамъоварии маълумот дар мисоли якчанд индикаторҳо, ки он аз сатҳи маҳал ва соҳавӣ ба шакли миллӣ ҷамъ шуда, маълумоти мувофиқатшуда ва мутобиқшаванда пешниҳод карда мешавад, оварда бояд шавад [5-М, 9-М].

3. Дар «Тартиби гузаронидани мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар Тоҷикистон» дар бандҳои алоҳида мафҳум ва мақсади «Мониторинг» ва «Арзёбӣ» тафсир дода шавад. [5-М, 9-М]

4. Ҳамчун замимаи санади зерқонунӣ оид ба тартиби гузаронидани мониторинг ва арзёбӣ, дастури корбарӣ ҷиҳати гузаронидани мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи маҳал, соҳа ва миллӣ таҳия карда шаванд [5-М, 9-М].

5. Шакли ягонаи матритсаҳо ва ҷадвалҳои мониторинг таҳия шуда, бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ тарзу услуби ҳисоби индикаторҳо ва дигар нишондиҳандаҳои мониторингу арзёбӣ ба алгоритми ягона ворид карда шавад. Ин амал бо васеъ истифода бурдани рақамикунонии низоми мониторинг ва арзёбӣ ба роҳ монда мешавад [5-М, 9-М].

6. Бо назардошти тамоюлҳои ҷойдоштаи иқтисоди ҷаҳон аксари кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон зери таъсири хавфҳои манфии беруна қарор дорад (ноустувории вазъи геосиёсии ҷаҳон, тағйирёбии сатҳи таварруми ҷаҳонӣ, таҳримҳои иқтисодӣ ва тағйирёбии иқлим). Аз ин рӯ, пешниҳодҳои зерин бо мақсади таъмин намудани дигаргунсамтии иқтисодиёт, таҳкими имкониятҳои институтсионалии кишвар, пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ ва дар ин замина беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ барои расидан ба ҳадафҳои стратегии рушди кишвар манзур карда шуданд [6-М, 7-М, 8-М]:

6.1. Баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва таъмини дигаргунсамтии иқтисодиёт: ҳамчун яке аз роҳҳои асосии коҳиш додани сатҳи осебпазирии иқтисодиёти миллӣ аз таҳдидҳои беруна, ҷалби бештари

сармоягузорӣ барои рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ, аз ҷумла саноат, энергетика кишоварзӣ, сайёҳӣ ва ғайра.

6.2. Таҳкими суботи молиявӣ: Дар сатҳи устувор нигоҳ доштани ҳаҷми қарзи берунаи давлатӣ; маҳдуд кардани ҷалби қарзҳое, ки элементи грантӣ надоранд ва рушд додани бозори дохилии қарз барои таъмини хароҷоти давлатӣ; афзоиши захираҳои байналмилалӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ, ки метавонанд дар давраҳои бuҳронӣ барои таъмини суботи иқтисодӣ истифода шаванд.

6.3. Таҳкими асосҳои институтсионалӣ ва беҳтар намудани шароити идоракунӣ: Беҳтар намудани идоракунии фаъолияти корхонаҳои давлатӣ, бахусус баланд бардоштани самаранокӣ ва шаффофияти фаъолияти онҳо, ки ба коҳиши хавфҳои фискалӣ ва баланд бардоштани эътимоди сармоягузорон муосидат мекунад.

6.4. Сармоягузорӣ ба инфрасохтор ва инноватсияҳо: Рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва энергетикӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ; дастгирии инноватсияҳо ва технологияҳо, аз ҷумла татбиқи технологияҳои нав ва дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ, ки ба дигаргунсамтии иқтисодиёт ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунанд.

6.5. Устувории иқлим ва амнияти экологӣ: Тақвияти корҳо дар самти мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, бахусус татбиқи саривақтӣ ва сифатноки ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар самти тағйирёбии иқлим, иқтисоди «сабз» ва манбаъҳои барқароршавандаи энергия.

## ФЕҲРИСТИ МАҚОЛАҲО ДОИР БА МАВЗӮИ ТАҲҚИҚОТ НАШРШУДА:

### А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд: (бо забони аслӣ)

[1-М]. Восидиён, Ф.С. Дастовардҳои иқтисодӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегӣ дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикисон [Матн] / Ф.С. Восидиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои

ичтимоӣ-иқтисодӣ ва чамъиятӣ. –Душанбе, ДМТ, 2021. -№6. – С. 83-91. ISSN 2413-5151.

[2-М]. Восидиён, Ф.С. Арзёбии ҳамоҳангсозии татбиқи сиёсати макроиқтисодӣ ва пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ [Матн] / Ф.С. Восидиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои ичтимоӣ-иқтисодӣ ва чамъиятӣ. –Душанбе, ДМТ, 2022.-№8. – С. 147-154. ISSN 2413-5151.

[3-М]. Восидиён, Ф.С. Асосҳои назариявии низоми банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозӣ [Матн] / Ф.С. Восидиён // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Маҷалли илмӣ.–Душанбе, ДДТТ, 2023. -№ 4/2 (50). – С. 108-117. ISSN 2308-054X.

[4-М]. Восидиён, Ф.С. Заминаҳои институтсионалии ташаккулёбӣ ва рушди пардохтҳои ғайринақдӣ [Матн] / Ф.С. Восидиён, Ш.Ш.Вализода, С.С. Амонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. –Душанбе, ДДТТ, 2023. № 4/2 (50). – С. 97 – 107. ISSN 2308-054X.

[5-М]. Восидиён, Ф.С. Марҳилаи ташаккули низоми миллии банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.С. Восидиён, Ш.Ш. Вализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, ДМТ, 2024.-№4/1. – С. 3746. ISSN 2308-054X.

[6-М]. Восидиён, Ф.С. Дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи миёнамуҳлат [Матн] / Ф.С. Восидиён, А.А. Солеҳзода // Маҷаллаи илмии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз.-Душанбе, МТС, 2024. №3(87). – С. 82-99. ISSN 2075-9584.

[7-М]. Восидиён, Ф.С. Таҳлили таъсири таҳдидҳои беруна ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.С. Восидиён, А.А. Солеҳзода // Иқтисодиёти Тоҷикистон. Маҷаллаи илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, АМИТ, 2024. №3. – С. 18-26. ISSN 2310-3957.

**Б). Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ**

[8-М] Восидиён, Ф.С. Самараи тадбирҳои зиддибуҳронии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.С. Восидиён // Маҷаллаи Бонки миллии Тоҷикистон. –Душанбе, БМТ, Бонкдорӣ, тараққиёт, ҷаҳонишавӣ, апрел-июни соли 2022. – С. 49-54.

[9-М]. Восидиён, Ф.С. Ташаккули низоми мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.С. Восидиён, А.А. Солеҳзода // Маҷаллаи илмии Маркази Тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. –Душанбе – 2024. №3(11). – С. 87-96. ISSN 2790-3567.

[10-М]. Восидиён, Ф.С. Банақшагирии стратегӣ ва самтҳои такмили он тибқи таҷрибаи байналмилалӣ [Матн] / Ф.С. Восидиён // Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Идоракунии давлатии рушди индустриалӣ-инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар шароити рақамикунониии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш.Душанбе, 24.10.2024). – Душанбе, 2024. – С. 72-81.

[11-М]. Восидиён, Ф.С. Таҷрибаи байналмилалӣ дар самти банақшагирии стратегӣ ва такмили низоми миллӣ [Матн] / Ф.С.Восидиён // Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Менеҷменти асри XXI: мушкилот ва дурнамои рушд». (ш.Душанбе, 31.10.2024).– Душанбе, 2024.– С. 330-339.

ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

УДК.338.26.01..00521(575.3) *На правах рукописи*

**ВОСИДИЁН ФАРХОД САЪДУЛЛО**

# РОЛЬ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ СИСТЕМЫ СТРАТЕГИЧЕСКОГО ПЛАНИРОВАНИЯ В ФОРМИРОВАНИИ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

## АВТОРЕФЕРАТ

диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук по специальности 08.00.01 – Экономическая теория (08.00.01.01 – Общая экономическая теория (политэкономия))

**Душанбе-2025**

**Диссертация выполнена на кафедре экономической теории Таджикского национального университета**

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель:** | **Солехзода Ашурбой Абдувохид** - кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики Таджикского национального университета. |
| **Официальные оппоненты:** | **Кошонова Манзура Рахматджоновна**- доктор экономических наук, профессор кафедры финансов Таджикского Государственного финансово-экономического Университета. |
| | **Муминова Фарида Махмудовна,** кандидат экономических наук, начальник отдела моделирования и прогнозирования социально-экономических процессов Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана |
| **Ведущая организация:** | **Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана** |

Защита диссертации состоится на заседании диссертационного совета **6D.KOA-004** при Таджикском национальном университете 3 июня 2025 года в 09:00 часов. Адрес: Республика Таджикистан, 734025, г. Душанбе, ул. Буни Хисорак. Студенческий городок, учебный корпус 8. Телефон ученого секретаря: (+992) 902426655, e-mail: **Shuro004@mail.ru.**

С диссертацией можно ознакомиться в научной библиотеке и на официальном сайте Таджикского национального университета (www.tnu.tj).

Автореферат разослан «____» «__________» 2025 года.

**Ученый секретарь**
**диссертационного совета,**
**кандидат экономических**
**наук, доцент** **Гулов Ш.М.**

## ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** Обеспечение долгосрочного экономического роста является одной из основных целей макроэкономической политики стран мира, и совершенствование системы стратегического планирования социально-экономического развития является ключевым условием его достижения.

В условиях быстро меняющейся мировой экономики обеспечение экономического роста в Республике Таджикистан является первоочередной задачей, для решения которой требуется внедрение новых механизмов целеполагания и стратегического видения в экономике. Развитие экономики Таджикистана и обеспечение ее устойчивости напрямую зависят от наличия современной системы стратегического планирования социально-экономического развития.

Всемерное использование имеющихся ресурсов является одним из ключевых факторов устойчивого социально-экономического развитие. Для определения внутренних возможностей и поиска эффективных методов их использования с целью ускорения экономического роста страны и обеспечения достойного уровня жизни населения совершенствование системы стратегического планирования социально-экономического развития является крайне важным.

В современных условиях недостаточная разработка механизмов практического внедрения стратегического планирования и прогнозирования социально-экономического развития негативно влияет на своевременную реализацию стратегических и программных приоритетов, а также на общий экономический рост.

В этой связи исследование процесса формирования и совершенствования системы стратегического планирования социально-экономического развития, определение ее роли в обеспечении макроэкономической устойчивости и повышении уровня благосостояния населения, а также разработка рекомендаций по ее совершенствованию

представляют собой актуальность и научную и практическую значимость исследования.

Учитывая сложную ситуацию в мировой экономике, существующие риски и необходимость защиты национальных интересов, а также укрепления производственного и экспортного потенциала страны, исследование текущего состояния системы стратегического планирования в Таджикистане является важной задачей.

**Степень научной разработанности изучаемой проблемы.** Отечественные и зарубежные ученые изучили теоретические, методологические и институциональные основы системы стратегического планирования, высказывая свое мнение о роли данной системы в социально-экономическом развитии в различных литературных источниках, особенно в научных изданиях.

К проблемам стратегического планирования такие ученые, как И. Х. Ансофф, М. Е. Портер, Д. Стейнер, П. Лоранж, Г. Минцберг, Г. Хамель, А. А. Томпсон, Ф. Котлер, Дж. М. Хиггенс, М. Трейси, Ф. Вирсема, Ю. Шайли, Э. Касселс, Г. Я. Голдштейн, О. Г. Гранберг, С. А. Логвинов, С. Н. Медведева, Д. В. Николаев, Р. И. Акмаева, С. М. Заверский, И. Г. Кондратова, Е. В. Чмышенко, В. А. Андреев, Н. И. Хромов, В. А. Семидоцкий, В. Э. Гарьковенко, Е. Ю. Дролова, М. А. Зайцев, И. Николаев, А. Точилкина, В. Е. Рохчин, В. А. Гневко, В. И. Самаруха, Т. Г. Краснова, И. С. Тургенева, Г. Х. Батов, Л. Абалкин, И. Х. Виханский, О. Л. Гапоненко, А. П. Панкрухин, Д. С. Львов, А. Дж. Стрикленд, П. Савченко и другие, изложили в своих трудах теоретические и практические аспекты.

Некоторые важные аспекты стратегического планирования были изучены отечественными учеными, такими как Х. У. Умаров, Ш. Рахимзода, Л. Х. Саидмуродов, Х. А. Одинаев, А. Х. Авезов, М. Азимова, Д. А. Ходиев, Ф. Муминова, Р. К. Рахимов, М. Т. Каримова, Д. Дж. Хукматов, Р. М. Мирбобоев, Х. Д. Батуров, А. А. Бойматов, Р. Бободжонов, М. Д. Тошматова, Ш. Ю. Акилджонова, Ш. Б.

Джонмамадов, Х. Х. Джураева, З. И. Асророва, У. С. Вахидзода и другие.

Следует отметить, что несмотря на значительное количество исследований, проведенных отечественными и зарубежными учеными в области системы стратегического планирования социально-экономического развития, сегодняшняя мировая обстановка требует дальнейшего совершенствования этой системы. Поскольку в научных трудах отечественных исследователей вопросы системы стратегического планирования социально-экономического развития еще не подвергались всестороннему и глубокому изучению. Лишь отдельные аспекты данной системы исследовались на уровне предприятий, регионов и отдельных отраслей экономики.

Учитывая ключевую роль системы стратегического планирования в обеспечении макроэкономической устойчивости и снижении воздействия потенциальных рисков на национальную экономику, была определена тема данной диссертации, а также сформулирована ее цель, задачи и объект исследования. В этом контексте проведение данного исследования является важным и актуальным как с практической, так и с теоретической точки зрения.

**Связь работы с научными программами (проектами) или научными темами.** Содержание диссертационного исследования непосредственно связано с целями и задачами, определенными в Посланиях Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона к парламенту страны, Национальной стратегии развития Республики Таджикистан до 2030 года, Среднесрочной программы развития Республики Таджикистан на 2021–2025 годы и в других стратегических документах. Исследование также выполнялось в соответствии с научно-исследовательским планом кафедры общей экономической теории Таджикского национального Университета на 2021–2025 годы.

## ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ИССЛЕДОВАНИЯ

**Цель исследования** заключается в изучении ключевых теоретических и методологических аспектов системы стратегического планирования, оценки действующей национальной системы и её роли в обеспечении социально-экономического развития, а также в определении механизмов и национальной модели для дальнейшего совершенствования системы стратегического планирования социально-экономического развития страны.

**Задачи исследования.** Для достижения указанной цели поставлены следующие задачи:

- изучение теоретических, методологических и институциональных основ формирования и развития системы стратегического планирования, а также предложено авторское определение данного понятия;
- исследование теоретических аспектов системы стратегического планирования и выделение критериев, обеспечивающих её эффективность;
- оценка роли национальной системы стратегического планирования, рассмотрение этапов её формирования и особенностей развития, а также разработка модели системы стратегического планирования для Таджикистана с точки зрения системного подхода;
- исследование методологических основ процесса мониторинга и оценки документов стратегического планирования на национальном, отраслевом и региональном уровнях;
- обоснование роли системы стратегического планирования социально-экономического развития страны на основе реализации координации макроэкономической политики и предотвращения потенциальных рисков для национальной экономики;
- разработка прогноза ключевых макроэкономических показателей развития Таджикистана по реалистичному, кризисному и интенсивному сценариям с применением методов моделирования.

**Объект диссертационного исследования** – система стратегического планирования социально-экономического развития как фактор экономического роста в Республике Таджикистан.

**Предмет диссертационного исследования** – совокупность экономических отношений, связанных с системой стратегического планирования социально-экономического развития.

